Таҳлили таъсири танзимкунии
лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ»

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ». |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад. | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар савдои электронӣ ба сифати фурӯшанда, харидор, миёнаравони иттилоотӣ ва дигар миёнаравон иштирок мекунанд. |
| Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ. | 11 декабри соли 2020 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ. | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Қонуни мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2019 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи Қонуни мазкур 11 август то 11 сетябри соли 2020 гузаронида шудааст. |
| Маҷмӯи таклифҳо аз рӯйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо. | Аз рӯйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Қонуни мазкур таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. Мақоми ваколатдор оид ба иштирок накардани мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар раванди машварати оммавӣ дар хулосаи аз 10 сентябри соли 2020, №97/2с дарҷ гардидааст. |
| Тафсири мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад. | Солҳои охир дар ҷумҳурӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз ҷумла, дар самти савдои электронӣ тадриҷан рушд намуда, онро намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун танзим менамояд. Дар ҳамин замина, мувофиқи банди 2 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №227 тасдиқ гардидааст, таҳияи санаи меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати танзими муносибатҳо оид ба савдои электронӣ пешбинӣ гардидааст.<br>Дар самти савдои электронӣ мушкилотҳои зерин ҷой дорад:<br>1. Мавҷуд набудани танзими давлатии фаъолияти |

| | |
|---|---|
| | савдои электронӣ. Бо ҳамин мақсад давлат рушди савдои электронӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ пешбини намуда, танзими давлатии савдои электрониро ҷорӣ менамояд.<br>2. Муайян ва мавҷуд набудани мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими давлатии савдои электронӣ. Солҳои охир аз назорат дур мондани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти савдои электронӣ, ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва фаъолияти озоди савдои электронӣ як қатор монеаҳои ҷиддӣ ба миён омада истодааст. Ҷиҳати пеш бурдани назорат ва мониторин мувофиқи лоиҳаи пешниҳодшуда, ваколатҳои мақомоти ваколатдор дар самти савдои электронӣ муайян гардида, тибқи қонунгузорӣ фаъолияташонро ба роҳ мемонанд.<br>3. Мавҷуд набудани расмиёти муайяни барасмиятдарории аҳдҳои савдои электронӣ. Яке аз мушкилотҳо дар муносибатҳои савдои электронӣ муайян набудани тартиби расмиёти ҳангоми фиристодани оферта ба тариқи электронӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, гирифтани паёмҳои электронӣ ва нигоҳдории паёмҳои электронӣ ба ҳисоб меравад.<br>4. Кафолати таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокичёни субъектҳои савдои электронӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳангоми бастани аҳдхои электронӣ, бехатарии бастани аҳдҳо, шартномаҳо аз ҷониби тарафҳо кафолат дода намешаванд. Лоиҳаи Қонуни мазкур бехатарии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар савдои электронӣ ба сифати фурӯшанда, харидор, миёнаравони иттилоотӣ ва дигар миёнаравон иштирок мекунанд, кафолати медиҳад.<br>5. Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар муносибатҳои савдои электронӣ бе механизмҳои мушаххаси ҳуқуқӣ имконнопазир мегардад.<br>Дар сурати қабул нагардидани санади махсуси танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти савдои электронӣ мумкин аст, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, фаъолияти озодии савдои электронӣ пурра таъмин нагардад. |
| **Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат.** | Бо дарназардошти рушди технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, истифодаи васеи он аз ҷониби шаҳрвандон, бахусус дар савдои |

| | |
|---|---|
| | электронӣ зарурати танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин самт ба миён омадааст. Зеро савдои электронӣ имрӯзҳо рӯ ба инкишоф ниҳода, яке аз роҳҳои осони таъмини дастрасии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба молу маҳсулот, иҷрои кор, фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад. Гарчанде савдои электронӣ дар фаъолияти субъектони савдо ва харидорон аллакай амали мегардад, вале дар сурати поймол гардидани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, хусусан харидорон ё ба таври дигар халалдор гаштани муносибатҳои гражданӣ дар самти мазкур механизҳои танзим ва ҳимояи он мушаххас нашудаанд. Бинобар ин, бо таҳия ва қабули Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти савдои электронӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шуда, ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектони савдо аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад |
| **Тафсири мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда аз ҷумла, чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниходшуда, ухдадорӣ ва махдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот.** | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдои электронӣ” бо дарназардошти тақозои рушди ҷомеа муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти савдои электронӣ танзим намуда, ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона гардида, фаъолияти озоди савдои электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад. Тавассути лоиҳаи Қонуни мазкур танзими ҳуқуқии фаъолияти савдои электронӣ дар асоси принсипҳои баробарии иштирокчиён, озодии шартнома, интиқоли озоди мол, кор, хизматрасонӣ ва воситаҳои молиявӣ дар тамоми ҳудуди давлат ва амалисозии бемамонияти фаъолияти (озоди) савдои электронӣ ба роҳ монда мешавад.<br>Дар лоиҳаи пешниҳодшуда, чораҳои зерин пешбинӣ гардидааст:<br>- муқаррар гардидани мафҳумҳои дар танзими муносибатҳои савдои электронӣ истифодашаванда;<br>- танзим ва идоракунии давлатӣ дар савдои электронӣ;<br>- тартиби барасмиятдарорании аҳдҳо дар савдои электронӣ;<br>- ташкили мубодилаи паёмҳои электронӣ ҳангоми барасмиятдарорӣ ва анҷом додани аҳдҳои электронӣ; |

- таъмини бехатарӣ дар савдои электронӣ;
- ҷавобгарӣ барои риоя нагардидани меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти савдои электронӣ.

Дар лоиҳаи мазкур уҳдадориҳои зерин ҷой доранд:
- уҳдадории шакли дурусти расмиёти пешниҳоди паёмҳои электронӣ;
- ба расмият даровардани ҳамаи амалиётҳои шаклҳои бастани аҳдҳои электронӣ;
- таъмин нусхаҳои паёми электронӣ, ки бо имзои электронӣ имзо шудаанд;
- уҳдадории пешниҳоди иттилоот дар бораи худ ҳангоми фиристодани оферта;
- уҳдадории пешниҳоди маълумоти шахсии истеъмолкунанда ҳангоми бастани аҳди электронӣ;
- уҳдадории пешниҳоди маълумот оид ба мавҷудияти иҷозатнома (рақами иҷозатнома, муҳлати амали он, номи мақомоти иҷозатномадиҳанда) ё шаҳодатномаи сертификатсияи мол, кор ва хизматрасониҳо;
- иштирокчиёни савдои электронӣ уҳдадоранд нигоҳдории нусхаи эҳтиётии зарурӣ, мукаммалӣ ва эътимоднокии иттилооти ҳуҷҷатнокшуда, инчунин ҳифз ва бехатарии воситаҳои дастгоҳӣ ва барномавиро, ки дар онҳо паём ҷойгир ё нигоҳдорӣ карда мешаванд, таъмин намоянд;
- ба роҳ мондани коргузори дар шакли электронӣ;
- уҳдадории тасдиқи паёми ҷавобӣ (расид) аҳди электронӣ.

Дар баробари ин дигар уҳдадориҳое, ки ҳангоми бастани аҳдҳои электронӣ ба миён меоянд.

Дар лоиҳаи мазкур маҳдудиятҳои зерин ҷой доранд:
- махфияти иттилооти дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ, хизматӣ ва сирри дигарро дар муносибатҳои савдои электронӣ риоя намоянд.

Рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз ҷумла, дар самти савдои электронӣ тадриҷан рушд намуда, онро намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун танзим менамояд. Дар ҳамин замина, мувофиқи банди 2 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ... 2012-2020, ки бо қарори Ҳукумати

| | |
|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №227 тасдиқ гардидааст, таҳияи санаи меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати танзими муносибатҳо оид ба савдои электронӣ пешбинӣ гардида, ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектони савдо аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ). | Фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд, аммо натиҷа надод. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти давлатии эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот. | Қабули лоиҳаи мазкур аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд. Мақоми ваколатдори давлатӣ, ки дар оянда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти савдои электронӣ муайян мегардад, ваколатҳои худро дар доираи маблағҳои пешбинишудаи худ амалӣ менамояд.<br>**Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:**<br>- сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ баланд мегардад;<br>- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми фурӯш, харидории дахлдори мол, кор ва хизматрасониҳо технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро васеъ истифода менамоянд;<br>- фурӯш, харидории мол, кор ва хизматрасониҳо содда ва дастрас мегарданд;<br>- ба амалишавии ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иттилоот мусоидат менамояд;<br>- таъмини субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо иттилооти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, оморӣ, истеҳсолию технологӣ ва илмию техникӣ, ки барои фаъолияти онҳо дар самти савдои электронӣ заруранд;<br>- ҳавасмандгардонии таҳқиқотҳои илмию техникӣ, омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо дар самти савдои электронӣ.<br>**Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:**<br>- барои таъмини рақобати солим дар бозори савдои электронӣ мусоидат менамояд;<br>- бехатарии ҳисоббаробаркуниҳои молиявӣ таъмин мегардад;<br>- таҳвили даврӣ ва қабули молҳо, кор, инчунин хизматрасониҳо тавассути ҳамгироии низоми худкоркунонидашудаи савдо, низоми пардохтҳои электронӣ ва низоми иттилоотии харидор ба роҳ монда шуда, амалисозии бемамониати фаъолияти |

| | |
|---|---|
| | соҳибкорӣ дар доираи савдои электронӣ таъмин мегардад;<br>- кафолати давлатии амалисозии бемамониати фаъолияти соҳибкорӣ дар доираи савдои электронӣ;<br>- дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар савдои электронӣ;<br>- фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоя, технологияҳои муосир ва таҷҳизот ҷиҳати амалисозии савдои электронӣ;<br>- таҳияи стандартҳо, меъёрҳо ва қоидаҳоро дар самти савдои электронӣ;<br>- нигоҳдории нусхаи эҳтиётии зарурӣ, мукаммалӣ ва эътимоднокии иттилооти ҳуҷҷатнокшуда, инчунин ҳифз ва бехатарии воситаҳои дастгоҳӣ ва барномавиро, ки дар онҳо паём ҷойгир ё нигоҳдорӣ мешаванд;<br>- ройгон талаб намудани иттилоот ҳангоми бастани аҳдҳои электронӣ.<br>Роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аммо натиҷа надод. |
| **Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф дар даврияти ҷамъоварии он.** | Дар сурати қабули Қонуни мазкур, фаъолияти савдои электронӣ ба низоми ягонаи иттилотӣ пайваст гардида, маблағи аз хисоби ин намуди фаъолият дар воқеъ дар гардишбуда муайян ва дар ин замина боиси ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ мегардад. Дар муҳлати муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдор санадҳои меъёрии худро ба он мутобиқ намуда, ҷиҳати рушди самти мазкур чораҳо меандешад. |
| **Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он.** | 1 июли соли 2021 |

Директор — Саидзода И.Ҳ.